**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Латифова Насиба Мирзоёқубовна дар мавзуи “Таърихи Шохрухӣ» - и Муллониёзи Қуқандӣ – ҳамчун сарчашмаи таърихӣ дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09- Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои тахқиқоти таърихӣ пешниҳод шудааст**

Муҳимтарин ҳодисаҳои таърихи халқи тоҷик дар давраҳои охири асрҳои миёна ва нав дар ҳудуди ду давлати Осиёи Миёна - аморати Бухоро ва Хонигарии Хӯқанд ба вуқӯъ пайваст. Дар нимаи аввали асри XIX, ки асарҳои муҳимми таърихи халқи тоҷик ва ҳаёти тоҷикони як қисми водии Фарғона, ки ба хонигарии Ҳӯқанд мансуб буданананд, бахшида шуда, хонадони мингҳо дар Хӯқанд навишта шудаанд. Баъзе аз ҳудуди вилояти Суғди ҳозираи Тоҷикистон (ба истиснои болооби Зарафшон) беш аз якуним аср (1709 – 1876) дар ҳайати Хонигарии Қӯқанд буданд.

Барои омухтани ҳаёти тоҷикони ин минтақа, вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии нимаи дуюми асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX арзиши зиёд дошта, асари «Таърихи Шохрухӣ» - и Муллониёзи Қуқандӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ маҳсуб меёбанд. Яке аз ин гуна сарчашмаҳо, ки замони ҳукмронии хонадони мингҳоро аз замони ҳукмронии асосгузори он – Шохрухбӣ то аҳди амир Худоёрхон (1845-1876) асари Муллониёзи Қуқандӣ ба шумор меравад.

Ҳамин тариқ, дар ин давра дар Хонигарии Хӯқанд навиштани таърихномаҳо ба ҳукми анъана даромада буд. Дар асари «Таърихи Шохрухӣ» - и Муллониёзи Қуқандӣ доир ба таърихи давлати Хонигарии Қӯқанд ва ҳаёти тоҷикон маълумоти пурарзиш оварда шудааст. «Таърихи Шохрухӣ» таърихи давлати Хонигарии Хуқандро аз ибтидои асри XVIII то ибтидои солҳои 70-уми асри XIX, яъне қариб тамоми давраи мавҷудияти онро дар бар мегирад. Доираи ҷуғрофии ҳодисаҳо водии Фарғонаро дар бар мегирифт, ки имруза баъзе ноҳияҳои Тоҷикистон,Тошканд, Ҷиззах, Қазоқистони Ҷанубӣ;

Қирғизистон; Туркистони Шарқӣ ва баъзе ноҳияҳои Шарқи Наздик, аз ҷумла дар Шимоли Афғонистон ба он дохил мешуданд, мақоми хосае доранд.

Маълум аст, ки тарихи тоҷикони ин минтақа ва фарҳанги маънавии мардуми он аз як хазинаи пурбори таъриху фарҳанги ирфонӣ сарчашма мегирад, ки солҳо дар масири мавҷудияти таърихи миллати тоҷик, дар эҳё ва идомаи ҳастии таърихи миллат нақши созгор гузоштааст.

Интихоби дурусти методологияи таҳқиқотӣ ба муаллиф имконият додааст, ки бо истифода аз методҳои умумиилмии дар таҳқиқи илмҳои таърих пазируфта ҷанбаҳои гуногуни масъалаи мазкурро таҳлил намуда, хулосаҳои асоснок пешниҳод намояд. Латифова Насиба Мирзоёқубовна тавонистааст мақсад, объект ва предмети таҳқиқоти худро муайян ва консепсияи омӯзишӣ ва таҳлилии худро дар доираи он таҳия ва амалӣ намояд. Ин бошад, ба муаллиф имконият додааст, ки таҳқиқотро дар доираи мақсаду вазифаҳои гузошта анҷом диҳад. Сохтори диссертатсия аз диди мантиқӣ бо пайдарҳамии хос мураттаб гашта, масъалаҳои гузошташуда бо ҳам робитаи зичи мазмунӣ ва мантиқӣ доранд. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса, рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда иборат аст.

Муаллиф тавонистааст, ки ҳар як масъалаи дар доираи бобу зербоб ҷудокардаи худро пурра ва ҳаматарафа таҳлил намояд. Навгонии илмӣ ва назариявии таҳқиқот дар муайянкунии хусусиятҳо ва омӯзиши таърихи халқи тоҷикро аз асари «Таърихи Шохрухӣ» - и Муллониёзи Қӯқандӣ - омӯзад ва ҳаёти тоҷикон он давраро инъикос меномояд.

Муаллиф бо риоя аз услуби илмӣ навгониҳои диссертатсияро мушаххас, фаҳмо ва асоснок нишон дода, дар матни диссертатсия ҳар яки онҳо ба таври зарурӣ асоснок карда шудаанд. Онҳо дар заминаи объективияти илмӣ таҳия карда шуда, эътимоднокии баланд доранд. Зеро масъалаҳоеро дар бар гирифтаанд, ки онҳоро воқеияти таърихӣ, ҳаёти тоҷикони Хонигарии Хӯқандро инъикос ва собит месозад. Муқаррароти

асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ҳам мазмуни масъалаҳои асосии диссертатсияро ифода намуда, ба таври асоснок нишон дода шудаанд.

Хулоса ва натиҷаҳои ба дастомада мавқеи муаллифро вобаста ба масъалаҳои мавриди таҳқиқ пурра инъикос намуда, бо риояи услуби илмӣ таҳия шудаанд. Муаллиф дар давраи таҳқиқот зиёда аз 3 мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ақолаҳои байналхалқӣ ба табъ расонидааст, ки дар аксари онҳо паҳлуҳои гуногуни масъалаҳои дар диссертатсия таҳқиқшаванда инъикос ёфтаанд.

Ҳамчунин унвонҷӯ вобаста ба масъалаи мазкур дар мизҳои мудаввар, конференсияҳои ҷумҳуриявию академиявӣ ва дигар ҳамоишҳои илмӣ ширкат намудааст. Раванди таҳқиқи диссертатсионӣ нишон дод, ки Латифова Н.М. қобилияти хуби пешбурди корҳои таҳқиқотиро дошта, вобаста ба мавзуи мазкур донишҳои мукаммал дорад. Ин ҳама имконият дод, ки мавзуи диссертатсия дар сатҳи зарурӣ таҳқиқу натиҷабардорӣ карда шавад.

Нуқтаи дигаре, ки аҳамияти илмию амалии диссертатсияи мазкурро асоснок мекунад, ин муносибати мустақилонаи муаллиф ба маводи таҳлилшаванда, таҳияи мустақилонаи таклифу пешниҳод ва асосноккунии мавқеъҳои назариявию амалӣ мебошад.

Махсусан, ки имруз дар ҷумҳуриҳои ҳамсоя сарчашмаҳои таърихии тоҷиконро баргардон намуда, аз худ намудани онҳо бо суръати тез рафта истодааст, ин худ шуҷоати унвонҷӯро нишон медиҳад.

Таҳлили диссертатсия нишон медиҳад, ки он дар сатҳи хуби илмӣ таълиф шуда, талаботи ба диссертатсияҳои номзадӣ пешниҳодшаванда ба инобат гирифта шудаанд. Дар раванди таълифи диссертатсия ҳамаи муқаррароти аз ҷониби КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайяншуда риоя гардидааст. Автореферат ва интишороти муаллиф муҳтавои диссертатсияро ифода мекунанд.

Диссертатсияи мазкур рисолаи илмии мустақилона иҷрошуда ва ба анҷомрасида мебошад, ки дар доираи он натиҷаҳои муҳимму зарурӣ ва барои

ҷомеа аҳамиятнок ба даст оварда шудааст. Дар асоси гуфтаҳои боло метавон хулоса намуд, ки диссертатсияи Латифова Насиба Мирзоёқубовна дар мавзуи “Таърихи Шохрухӣ» - и Муллониёзи Қӯқандӣ - ҳамчун сарчашмаи таърихӣ дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09- Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ дар доираи муқаррароти муайяншуда таълиф шуда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси зикргардида мебошад.

**Доктори илмҳои таърих, профессори**
**кафедраи таърих ва диншиносии**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,**
**бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Ҳомидзода Ф.М.**

Суроға: 735690, Ҷумшурии Тоҷикистон, Вилояти Суғд,
ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, кучаи Ҷӯрабой Солиев 104.
Тел: (+992) 927889819.
E-mail: furkat.hamidov@mail.ru

**Имзои профессори кафедраи таърих ва диншиносии**
**ДДҲБСТ доктори илмҳои таърих, Ҳомидзода Ф.М.- ро**
**тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДҲБСТ** **Бобоев А.Х.**

ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроға: 735717, Ҷумшурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд. микрорайони 17, хонаи1.
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон
Тел.: +992342223811
Факс: +992342225170
E-mail: tsulbp@rambler.ru